## ҲУҚУҚШИНОСӢ

УДК: 332 + 1 эрон БАҲМАНӢ Н.Ш[1].

# ҲУҚУҚИ ЗАН БА МЕРОС ДАР ҚОНУНГУЗОРИИ ҶУМҲУРИИ ИСЛОМИИ ЭРОН

Сухан гуфтан аз ҳуқуқи инсон дар қолаби қонуни ҷадид ва таҳрирёфта яке аз муҳимтарин вижагиҳои даврони муосир аст ва дар он миён ҳуқуқи занон аз аҳаммияти вижаӣ бархудор мебошанд. Рафъи табъизҳои ҳуқуқӣ ношӣ аз ҷинсият дар абъоди мухталифи зиндагии ҳуқуқи башар ба таъкид бар ҳуқуқи занон меҳвари аслии ҳамаи муоҳидот ва эъломияҳои байналмилалӣ ва, аз ҷумла, барои занон дар мерос як бахши бисёр муҳимме аз ҳуқуқи занон аст, ки дар мақола ироа шудааст.

**Калидвожаҳо:** Мерос, завҷа, мизон, амволи ҳаракаткунанда, амволи беҳаракат, замин, хона, мол, ворис, хешу таборӣ, ҳуқуқи занон.

Яке аз ҳангомаҳои масъулини қонунгузорӣ пас аз пирӯзи Инқилоби Исломии Эрон аслан баъзе мавридҳо қонуни мабнӣ, бахусус дар баҳси хонаводагӣ буд, ки мерос муҳимтарини он будааст Ин мақола дар мавриди мероси зан мебошад, ки мероси зан дар зиндагии оилавӣ ҷойгоҳи худро дорад. Аслан «мерос» чист? Шарҳи ин вожа дар «Луғатнома»-и Деҳхудо таври зайл омадааст: «Ирс (мерос) ба маънои «Он аз моли мурда ба ворис мерасад» [1, 451]. Ва дар истилоҳ ба маънои «Истеҳқоқ доштани инсон чизеро сирфан ба воситаи марги дигаре бо вуҷуди робитаи насабӣ ва сабаб» омада [2, 11]. Мерос дар ин таъбир чунин аст: мерос-масдар ва исми маънӣ мебошад ва баъзе аз ҳуқуқдонон меросро «истеҳқоқи бозмондагони шахс бар дороии ӯ» таъбир кардаанд [3, 12]. Ин вожа дар қонуни маданӣ гоҳ ба маънии мол ва гоҳ ба маънии ҳаққе, ки пас аз марги шахс ба бозмондагони ӯ мерасад, шарҳу тавзеҳ шудааст ва ин аз се бахш иборат мебошад аз: 1) мизони мероси завҷа; 2) мероси завҷа дар сурате, ки ворисимаҳдудшуда (мунҳасир) шавҳар бошад; 3) амволе, ки завҷа аз он мерос намебарад.

**1. Мизони мероси завҷа чист:** Мизони мероси завҷа мероси нисбӣ буда, ки аз қадимтарин даврони башарӣ вуҷуд дорад ва дар тӯли таърих дучори тағйир ва табдилу такомул гардидааст. Мероси зан низ аз ин қоида мустасно буда ва дар назди румиёни бостон занон (духтар, ҳамсар, модар) ба ҳеҷ ваҷҳ ҳаққи меросро надоштанд, дар Юнон меросро фақат писари бузургтар мебурд ва занону хурдсолон ба таври куллӣ ҳаққи мерос надоштанд. Дар кишварҳои Ҳинд, Миср ва Чин низ ҳамсарони занон аз мерос маҳрум буданд. Дар миёни эронитаборони қадим, ки никоҳ бо маҳрам ва таъдади ҳамсару фарзандхондагӣ ривоҷ дошт, маҳбубтарин ҳамсар ба шарти кабир (бузург) будан ва духтарони издивоҷ накардаю писару писархондагон мерос мебурданд. Аммо араб занро мутлақан аз мерос маҳрум менамуд ва писари калонӣ фақат мерос мебурд. Дар чунин ҳангоме, ки сунат ва муқаррароти фарқкунандае дар ҷаҳон ҳукумфармо буд, оё мерос нозил шуд? [ 4, 290].

Дар «Қуръони карим» (Сураи «Нисо» ояти 12) мизон саҳмулирси зан таъйин гардидааст. Мизони мероси завҷа дар сурати набудани вуҷуди авлод барои вафотёфта ва дар сурати фарзи авлод барои шавҳар, ки ҳамин ҳукми «Қуръон» дар моддаи 913 қонуни маданӣ мавриди пешбинӣ қарор гирифтааст. Аҳкоми мазбур

[1] **Адрес для корреспонденции:** Бахмани Насир Ширага – аспирант ТНУ Республики Таджикистан. 734025. Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Рудаки - 17.

«ҳудудуллаҳ» аст, ки Худованди Таборак дар ояти 13-и сураи «Нисо» бандагони худро таклиф ба итоат аз онро менамояд.

Чун маднои мизони мероси зан аз мо тарки шавҳар бар асоси ҳукми «Қуръон» мебошад, имкони тағйири он дар низомоти ҳуқуқи исломи вуҷуд надорад ва мазҳабҳои мухталифи ислом дар он иттифоқи назар дорад. Аммо чунон, ки бихоҳем дар мавриди нуқсони мероси зан, ӯро мавриди ҳимоят қарор диҳем ва дар ҷиҳати рафъи ниёзи мадании онон пас аз фавти шавҳар ва ҷилвагирӣ аз муфсидаҳои эҳтимоли асари факри моли занон, ки яке аз амволи инҳирофоти ахлоқӣ аст, иқдоме анҷом диҳем, метавон ба роҳҳалҳои фаръӣ расид, то завҷа пас аз фавти шавҳар илова бар мусибати аз даст додани шавҳар гирифтори мусибати молӣ нашавад ва ниёзҳои молии худро битавонад баланд намояд. Яке аз он роҳҳалҳо метавонад мавзуъи пардохти «уҷратулмисл» ба завҷа бошад, яъне ба зан иҷоза дода шавад пас аз фавти шавҳар ҳамон тавре, ки меҳрияро аз мотарки шавҳар вусул мекунад «уҷратулмисл»-и санавоти зиндагии муштаракро низ аз амволи мотарки шавҳар мавриди истифода ва вусул қарор диҳад. Пардохти «уҷратулмисл» аз мотарки шавҳар бар зане, ки ҳамсари худро аз даст дода ва ба хусуси солҳои тӯлонӣ ҷавонӣ ва қудрати худро сарфи зиндагии заношӯӣ ва тарбияи фарзандону анҷоми хидамоте дар зиндагии муштарак намудааст, метавонад ҷойгузини маҳдудиятҳои мероси зан шавад, ки бо ҳадафи таъмини моддии зани ҳамсар аз даст дода мебошад.

Роҳҳалли дигар васияти ҷудогона аст бо ин тавзеҳ, ки «Қонунгузор метавонад эълом кунад дар сурате, ки зан ҳамроҳи табақаи дувум ва ё савуми ворисон фарз (гумон) мебарад, чунин гумон шавад, ки шавҳар сеяки амволи худро ба суди зан васият карда, магар он гаҳ хилофи он аз васиятнома ё соири мадорик ва аснод берун шавад.

Албатта бояд васиятро, ки дар «Қуръон» (Сураи «Бақара», ояи 80) матраҳ гардида ва суфориш шуда ба унвони фарҳанги исломӣ дар байни мардум тарвиҷ (паҳн) намуд, бисёр писандида ва инсонӣ аст, ки шавҳар миқдоре аз амволи худро ба нафъи ҳамсари худ васият намояд.

Роҳҳалли дигаре, ки метавон аз он ба унвони роҳҳалли фиръӣ барои ҷуброни фарзи зан аз мотарки шавҳар мавриди пешниҳод қарор дод, пардохти нафақа ба зан дар айёми муддати вафот аст. Қонун вақте занеро мукаллаф ба нигаҳдошти муддати вафот ба мамнуният аз издивоҷ ба муддати 4-моҳу 10 рӯз менамояд, бояд ҳуқуқе ҳам барои он дар назар бигирад. Пардохти нафақа ва таъмини маскун барои зан дар муддати айёми зарурӣ метавонад аз мушкилоти аввалияи завҷаи ҳамсар аз дастдодаро то ҳудуде кам кунад. Пардохти босамаре ба завҷаи шавҳар аз дастдода аз қонунҳои таъмини иҷтимоӣ ва пардохти маҳрия ба нархи рӯзи фавти шавҳар, ки имрӯз дар ҳоли иҷро мебошад, роҳҳаллҳои фаръии мустанад, ки то ҳудуде нуқсони низоми мероси занро ҷуброн менамояд.

2. **Мероси завҷа дар сурате, ки вориси ягона шавҳар бошад**. Ба таваҷҷуҳ ба ҳукми моводи 905 ва 949 қонуни маданӣ дар сурате, ки зан фавт намояд ва ба ғайр аз шавҳар ҳеҷ ворисе надошта бошад. Тамоми таракаи зани фавтида ба шавҳар мерасад. Лекин вақте шавҳар фавт намояд ва ба ғайра аз завҷа ҳеҷ ворисе надошта бошад, амвол ба зан мерасад ва бақияи амвол шавҳари фавтида дар хукми амволи ашхоси биловорис ва ба хазинаи давлат тааллуқ мегардад. Ин табъиз дар навҳати мерос бурдани зан ва шавҳар тавҷеҳнопазир мебошад, бахусус вақте, ки мотарк андаке бошад ва зан ҳеҷ манбаъи даромади дигаре ҳам надошта бошад. Албатта метавон барои мотаркҳои калон тартибе муқаррар намуд, ки хазонаи давлат ҳам бенасиб намонад.

Ҳукми қонуни маданӣ, ки фавран ишора гардид, бар пояи назари машҳури фуқаҳо ва натиҷагири онон мебошад, ки то таваҷҷуҳ ба тағйири навъи сохтори иқтисодию фарҳангӣ ва иҷтимоии ин рӯзгор қобили тааммул мебошад.

Баррасӣ дар манобеъ ва мутуни муътабари фиқҳӣ гӯёи ин амр аст, ки дар хусуси мавзӯъи мероси завҷа дар байни фақеҳон панҷ назария вуҷуд дорад:

1. Завқа аз айн ва қимати замин ва аз айни сохтмону дарахтон мерос намегирад.

2. Завҷа монанди шавҳар аз ҳама анвоъи тарака, ҳатто замин, мерос мебарад. Ин назария аз сӯи Искофӣ баён гардида ва ба Ибни Ҷунайд низ нисбат дода шадааст. Дар ин бора ишораҳои зиёди пешин низ ҳаст.

3. Аз назари бархе дигар, монанди Сайд Муртазо ва Ибни Зуҳра зан аз қимати замин ирс (мерос) мебарад ва на аз айни он [5, 207-208].

4. Иддае дигар, аз ҷумла Муҳаққиқи Шореъ ва Шаҳиди Сонӣ муътақид бар онанд, ки агар завҷа дорои авлод аз ҳамсари фавтидаи худ бошад, аз ҳама амвол ва замин мерос мебарад ва агар аз ҳамсари фавтида авлод надошта бошад аз замин мерос намебарад [6, 163].

5) Бар тибқи назария нодир завҷа аз мероси хона ва маскан маҳрум аст, вале аз амвоъи дигари тарака мерос мебарад.

3. Маншаи маҳрумияти завҷа аз ирси замин порае ривоёти фиқҳӣ аст ва оёти «Қуръон» нисбат ба мавзӯи мероси занон умумӣ ва тафовутҳо доранд. Дар баъзе аз ривоёти мазкур барои ин махрумияти далелҳо низ ҳастанд. Агар завҷаи фавтида аз замин мерос бибарад, мумкин аст ӯ аз қабилаи шавҳари фавтидааш биравад ва баъдан бо марди дигаре издивоҷ кунад ва ҳамсари дувум ё фарзанди ӯ аз ҳамсари дувум музоҳими хонаводаги шавҳари аввал дар мавриди замини меросии завҷа шавад.

Дар қонуни мадании Эрон зан аз тамоми амволи ҳамсараш мерос намебарад, дар ҳоле, ки шавҳар аз тамоми таркаи ҳамсари худ мерос мебарад. Дар модаи 946-и қонуни маданӣ чунин зикр мешавад: Мард дар тамоми амволи завҷа мерос мебарад, лекин завҷа аз амволи зайл:

а) Амволи фавтида аз ҳар навъ, ки бошад.

б) Аз бино (хона) ва дарахтон.

Дар банди аввал зан ва мард муштаракан аз амволи якдигар мерос мебаранд, аммо дар баъзе амволи ишоранагардида тафовути куллии ин ду ҷисм дар мерос доранд, ки ихтисоран ба он ишора мегардад.

Агар марде дорои замине бошад, ки дар он дарахту сохтмон анҷом нашуда бошад, пас аз марги ӯ аёлаш аз замин бо ҳеҷ ваҷҳ мерос намебарад ва ҳақиқи тасарруф надорад, балки аз дарахту сохтмон мерос мебарад он ҳам на айни онҳо, балки аз қиматашон мерос хоҳад бурд. Ба иборати дигар пас аз қиматгузорӣ, ҳарчанд ба дарахтон қимати ночиз мегузоранд, мерос хоҳад бурд. Бинобар ин зан пас аз фавти шавҳар бояд манзили шавҳарро тарк намояд ва бақияи умри хешро бо мероси андаки худ пеш барад.

Ин маҳрумияти зан реша дар фарҳанги гузашта дорад ва мубтанӣ (асосёфта) бар фарҳанги суннатии қабилагӣ ва қавмӣ будааст. Зане, ки аз қабилае ба қабилаи дигар ба унвони арӯс буда мешавад, пас аз марги шавҳар бояд ба қавму қабилаи худ боз мегашт ва ин бозгашт бо мерос бурдани зан аз замин ва ғайра мухолифат дошт. Ва аз тарафе чӣ басо ин тасарруф боиси ҳокимияту дастёбии қавму қабилаи зан бар қаламрави қабилаи шавҳар мегашт. Ҳамчунон бар асоси таассуботи хонаводагӣ ва фомилии гузашта устувор аст, ки агар зан издивоҷи муҷаддад намояд ва марди бегонаро ба хонаи шавҳари фавтида ворид кунад, ин амр бар хонаводаи шавҳари фавтида гарон ва сахт хоҳад монд. Дар гузашта замин бе сохтмону дарахт арзиши имрӯзро надошт ва бо таваҷҷуҳ ба фақирии ҷамъият ва вусъат замин арзише бар ин тартиб нагирифа буд. Аммо имрӯз бо таваҷҷуҳ ба касрат ва рушди ҷамъияту камбуд замин арзиши фаровоне нисбат ба биною дарахт ёфтааст, дар ҳоле, ки завҷа аз ин мероси гаронбаҳо ба таври куллӣ маҳрум аст.

Доир ба маҳрумияти зан аз замин фуқаҳо назорати мухталифе ироа намудаанд:

1. Эътирофкунандагон (қоилин) ба ин назар бар ин ақидаанд, ки завҷа аз айн ва қимати ҳар гуна замине маҳрум аст ва он аз мерос намебарад. Ҳамчунин аз айни масолеҳ абзор ва олоте, ки дар сохтмон ба кор гирифта шудааст ва аз айни биною дарахтон чизе ба ӯ таалluқ намегирад, аммо онҳо қиматгазорӣ мешаванд ва ҳиссаи

мероси завҷа аз қимати онҳо ба ӯ пардохт мешавад. Ин қавли машҳур миёни фуқаҳои гузашта ва имрӯза мебошад, монанди Муҳаққиқи Нароқӣ, Мирзои Қумӣ Ҳусайни Омулӣ ва ғайра [7, 317].

2. Сайид Муртазо муътакид аст, ки завҷа аз айни замин ва арсаи хона маҳрум аст, вале чунончи онро қайд мекунанд, зан ҳиссаашро аз қимати он мегирад ва аз айни сойири амвол ҳаракаткунанда ва беҳаракат мерос мебарад [8].

3. Гуруҳе дигар аз фуқаҳои муосир ва тақлидгар, аз ҷумла ҳаракати Оятуллоҳ Хоманаӣ, бар ин ақидае ҳастанд, ки завҷа хоҳ аз шавҳараш дорои фарзанд бошад, хоҳ набошад, аз моликият мерос намебарад, лекин аз қимати замин, бахусус аз замини хона, мағоза, боғ ё мазраа мерос мебарад.

4. Бино ба ривояти Абид ибни Зарора ва Фазл ибни Абилаббос, Имом Содиқ ва ривояти Ибни Абияғфур ва Искофӣ (Ибн ал- Ҷунайд) зан аз тамоми тарафи шавҳар мерос мегирад.

5. Аз байни мутаахирин Лоҳутӣ – соҳиби «Бадеъу-л-аҳком» муътакид аст, ки зан аз замин мерос бигирад ва ин мушкил аст.

6. Марҳум Ҳоҷ-оқо Раҳим аз арбоби уламои муосир ва бузурги Исфақон аз қасби он чи шогирдонаш нақл мекунанд, фатвои эшон бар мерос бурдани завҷа аз тамоми таракаи шавҳар аст [9.20].

7. Оятуллоҳ Сонеӣ ахиран фатво додаст, ки зан аз ҳама амвол мерос мебарад, аммо аз амволи ғайри ҳаракаткунанда ва монанди он мерос намебарад. Ӯ фақат аз қимати онҳо мерос мебарад.

8. Назари дигари қавли машҳури фуқаҳо ва умуми фуқаҳои муосир, ки муътақиданд бар он ки зан аз замини истиқоматӣ ва киштбоб мерос намебарад. Аз сохтмону дарахт ҳам мерос намебарад, балки қимати онро бояд ба ӯ дод . Ва қонуни маданӣ дар моводи моддаҳои 946 ва 947 аз ин назар пайравӣ намудааст.

Алорағми назароти фуқаҳо дар маҳд бурдани мероси зан ва тахсиси он дар «Қуръони карим», ки ҳимтарин манбаъи ҳуқуқи исломӣ аст, бидуни зикри хусусияти амвол аз мероси мард аз зан мероси зан аз мард сухан мегӯяд ва сурати доштани фарзанд ва надошт ва ҳақиқи ҳар якро дар ҳама амвол ба сурати умум мушаххас мегӯяд, ки дар Сураи «Нисо» (ояи 12) омадааст:

«Ва ниме аз мероси ҳамсаратон аз они шумо аст. Пас аз анҷоми васияте, ки бад –он супориш кардаанд 1 дайнӣ ва як чаҳорум аз мероси шумо барои онон аст, агар шумо фарзанд надошта бошед. Ва агар фарзанд дошта бошед як ҳаштум барои мероси шумо аз эшон хоҳад буд, пас аз анҷоми васияте, ки бад –он супориш кардаед ё дайнӣ».

Ниҳоят, бо он ки маҳдуддият ва маҳрумияти мероси завҷаӣ аз дороии шавҳар мувофиқи андешаи саҳеҳи «Қуръон» намебошад. Шояд дар замон ва макони хоси худ қобили қабул ва арзишманд будааст, аммо имрӯз чӣ касе метавонад нақши меҳварияти занро дар хонавода, иҷтимоъ ва иқтисод мункир гардад. Дар ҷаҳони саноатии имрӯз зан нақши муҳимме, дар иқтисод ва тавлид дорад. Зани имрӯз бар хилофи зани гузашта дигар як масрафкунанда нест, балки тавлидкунанда ва пешрафт диҳанда аст. Фаъолияти зан дар арсаи иқтисод, фарҳангу иҷтимоъ низоми ҳуқуқии собиқро барҳам мезанад ва ҳукуматҳою давлатҳо бояд сохтаҳо ва фаъолияти занонро, ки баробар ҳуқуқӣ ва адолат дар ҳуқуқ мебошад, мавриди таваҷҷуҳ қарор диҳанд ва каромату узри зани имрӯзро, ки ҷомеа ва давлат ниёзманди ирфон нақши фаъоли ӯ дар ҳама заминаҳо мебошад, мавриди пазириш ва бовар қарор диҳанд.

Таҳаввулоти саноатӣ ва суннатӣ, ахлоқи умумӣ ва боварҳои нисбӣ дар мавриди тавонмандиҳои занон ниёзманди як таҳаввулоти азим дар қонунҳо, бахусус қонуни мероси зан дар баробари шавҳар аст. Зане, ки имрӯз дар канори ҳамсараш чӣ ба сурати кор дар манзил ва нигаҳдории фарзандон ва чӣ ба сурати кору талош дар иҷтимоъ чархи зиндагии муштаракро ба гардиш оварда ва чӣ басо дар баъзе мавридҳо шавҳар дар асари ҳамкории зан дороиҳоеро касб намудааст, ҳоло чӣ гуна бояд пазируфт, ки пас аз фавти шавҳар қонун бо ӯ бархурди таҳқиромез ва қаҳргунае хоҳад дошт? Гузашта аз ин қонун чӣ гуна бипазирад, ки ба василааш каромату иззат

ва арзишу ҳуқуқи занро мавриди ҳамлаоварӣ қарор бидиҳад? Қонун ин ҳамаро имрӯз назорат хоҳад кард.

**Адабиёт**


1. Деххудо, Атакбар. Лутнома. Ҷилди 5. – Теҳрон: Амири Кабир, 1362,
2. Шаҳиди Сонӣ, Бито, Шаҳиди аввал, Муҳаммад ибни Ҷалолуддини Маккӣ. Ал-омилӣ. Ҷилди 8-Қум: Дафтари интишоронти исломӣ. Бидуни соли нашр.
3. Котзиён, Носир. Давраи муқаддамоти ҳуқуқи маданӣ ирс. Ҷилди 1. – Теҳрон: Нашри Додгустар, 1363.
4. Таботабоӣ. Тарҷумаи «Тафсира – л – мизон». Ҷилди 4. – Қум: Интишороти Таблиғии исломӣ, 1363.
5. Ҳамон ҷо.- С. 207-208.
6. Сайид Муртазо. Ал-интисор. – Теҳрон, 1371.- С. 165.
7. Мӯсавӣ, Сайид Муҳаммад. Бархурди ҳуқуқи хонавода. Чопи дувум. – Теҳрон: Маҷд, 1390.-С.317.
8. Ҳамон ҷо.
9. Меҳрпур Ҳусайн. Баррасии мероси завҷа дар ҳуқуқи ислом ва Эрон. – Теҳрон, 1371.- С. 20.



**БАХМАНИ Н.Ш.**


## ПРАВА ЖЕНЩИН НА НАСЛЕДСТВО В ЗАКОНАДАТЕЛЬСТВЕ ИСЛАМСКОЙ РЕСПУБЛИКИ ИРАН


Говорить о правах человека в рамках нового отредактированного закона является одним из основных особенностей нынешнего времени. Исходя из этого, права женщин обладают значительмыми особенностями, что подчеркнуто в статье в ходе рассмотренныя прав женщин на наследство в Исламской республике Иран. В общем, право женщин на наследство является одним из особых частей женского права.



**Ключевые слова:** Право, наследство, супруга, движимое имущество, недвижимость, земля, дом, имущество, наследник, родня, права женщин, Иран.



**BAHMANI N.SH.**


## WOMEN RIGHTS AND IN THE ISLAMIC REPUBLIC OF IRAN'S LAW


The article is devoled to the problem of the rights of women in the Islamic of Iran based on the new adopted laco. The anthar analyses the system of women's law in Iran fond propose some recommendation accarding the weo version law of Iran.